O‘ZBEKISTON RESPUBLIKASI

OLIY TA’LIM, FAN VA INNOVATSIYALAR VAZIRLIGI

FARG‘ONA DAVLAT UNIVERSITETI

# FarDU.
# ILMIY
# XABARLAR-

1995-yildan nashr etiladi
Yilda 6 marta chiqadi

2-2025

FILOLOGIYA

# НАУЧНЫЙ
# ВЕСТНИК.
# ФерГУ

Издаётся с 1995 года
Выходит 6 раз в год

**A.G.Sabirdinov**
O‘zbek tarixiy romani: Oybek va Qodiriy ............ 6
**G.M.Oripova**
Ayol ijodkorlar she’riyatida daraxt obrazi tasviri ............ 9
**M.A.Jo‘rayeva**
Munavvar Qori Abdurashidxonov ijodida safar janri ............ 13
**G.Muhammadjonova**
Hayot haqiqati, tarixiy haqiqat va badiiy idrok ............ 17
**И.А.Эшонқулов**
Тавсифи мушаххаси тазкираҳои Ҳашмати Бухорой ............ 21
**B.X.Murtazoyev, F.O.Hafizova**
“Bobotog‘”essesida peyzaj: flora tasvirida badiiylik ............ 28
**И.А.Эшонқулов,З.П.Аҳмедҷонова**
Ситоиши хирад ва хирадгустарӣ дар “Шоҳнома”-и Ҳаким Фирдавсӣ ............ 34
**D.T.Musayeva**
Elizabet Gaskel ijodiga nazar ............ 39
**Н.Н.Қаюмов**
Муаммои шинохти санъати ташхис дар поэтикаи мумтози форсу тоҷик ............ 42
**Sh.T.Ibragimov**
“Babur the tiger” romani o‘zbekcha tarjimasida metafora ifodasi ............ 47
**J.T.Ibragimov**
“Qutadg‘u bilig” istioralarining poetik o‘ziga xosliklari xususida chuqur mulohaza ............ 55
**A.A.Akbarov**
Vatanga muhabbatning lirik ifodasi ............ 61

TILSHUNOSLIK

**Sh.M.Iskandarova**
Farg‘ona davlat universiteti tilshunosligi: kecha va bugun ............ 66
**Г.М.Хошимов, М.Г.Хошимов, Н.А.Абдуллаева, Д.Ш.Назарова, Д.А.Ахмедова**
Актуальные проблемы терминологического аппарата и метаязыка исследования пословиц и поговорок ............ 71
**Z.V.Alimova**
Navoiyning “Saddi Iskandariy” dostonida sifat turkumiga oid forsiy leksemalar xususida ............ 81
**A.B.Uralov**
Ayrim kengaygan shakllar taraqqiyoti hamda ularda nomutanosibliklar ............ 86
**Z.A.Davlataliyeva**
Ingliz tili darslarida talabalarning o‘qish ko‘nikmalarini rivojlantirishning mazmuni, shakli va vositalari ............ 90
**Н.А.Абдуллаева**
Сопоставительное изучение провербем, вербализующих концептуальную оппозицию «ум/глупость» в английском и русском языках ............ 95
**Н.А.Отахонова**
Проблемы общей теории и классификatsiи лингвокультурем ............ 100
**B.B.G‘apporov**
Ingliz gazeta sarlavhalarining o‘ziga xos xususiyatlari hamda ularda fe’l komponentli kollokatsiyalarning qo‘llanilishi ............ 106
**D.M.Yuldasheva, Z.I.Usmonova**
Siddiq Mo‘minning "Buyuk Temur avlodi" nomli she’rida pretsedent nom tahlili ............ 112
**N.Fidan**
Ellipsis in English text linguistics ............ 115
**M.O.Qulmamatova**
Ingliz va o‘zbek tillaridagi “boylik/wealth va kambag‘allik/poverty” konseptlarining o‘xshashlik va farqli jihatlari ............ 120
**N.X.Boboqulova**
Ingliz va o‘zbek tillarida head/bosh somatik komponentli maqollarning konseptual tahlili ............ 124

FarDU. Ilmiy xabarlar – Scientific journal of the Fergana State University

Volume 31 Issue 2, 2025-yil DOI: 10.56292/SJFSU/vol31_iss2/a107

UO‘K: 82-1/-9:82-94

# СИТОИШИ ХИРАД ВА ХИРАДГУСТАРӢ ДАР “ШОҲНОМА”-И ҲАКИМ ФИРДАВСӢ

# HAKIM FIRDAVSIYNING “SHOHNOMA”SIDA HIKMATNI MADH ETISH VA AQL-ZAKOVATNI YUKSALTIRISH

# ВОСХВАЛЕНИЕ МУДРОСТИ И РАЗВИТИЕ ИНТЕЛЛЕКТА В «ШАХНАМЕ» ХАКИМА ФИРДОУСИ

# PRAISE OF WISDOM AND CULTIVATION OF INTELLECT IN “SHAHNAMEH” BY HAKIM FIRDAWSI

**Эшонқулов Илҳом Абдусаломович**[1]
[1]*дотсенти кафедраи Филологияи тоҷик ва забонҳои шарқи Донишгоҳи давлатии Тирмиз (*PhD

**Аҳмедҷонова Замира Парвизовна**[2]
[2]*донишҷӯи соли дуюми кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои шарқи Донишгоҳи давлатии Тирмиз.*

**Аннотатсия**

*Дар мақола сухан перомуни ситоиши хирад ва хирадгустарӣ дар “Шоҳнома”-и Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ меравад. Фирдавсии Тӯсӣ аз чеҳраҳои мунири осмони илму адаби ҳазорсолаи тоҷику форс ба шумор рафта, бо таълифи шоҳасари безаволаш – «Шоҳнома» шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо кардааст. Муаллифони мақола кӯшидаанд, ки масъалаҳои марбут ба хирад, дониш ва маърифатро аз батни достонҳои гуногуни «Шоҳнома» дарёфт намуда, ба риштаи таҳлилу таҳқиқ кашад.*

**Annotatsiya**

*Bu maqolada hakim Abulqosim Firdavsiyning “Shohnoma” asarida hikmat maqtovi va aql-zakovat targ‘iboti haqida so‘z boradi. Firdavsiy fors-tojik adabiyotining ming yillik tarixidagi eng yorqin namoyandalardan biri sanaladi. O‘lmas durdona asari “Shohnoma” orqali jahon miqyosida shuhrat qozondi. Maqola mualliflari “Shohnoma”ning turli dostonlarida uchraydigan hikmat, ilm va ma’rifat mavzularini o‘rganishga, ularni chuqur tahlil qilishga intiladilar.*

**Аннотация**

*В этой статье обсуждается восхваление мудрости и поощрение интеллекта в “Шахнаме” Хакима Абул-Касима Фирдоуси. Фирдоуси считается одной из самых выдающихся фигур в тысячелетней истории персидской и таджикской литературы. Благодаря своему бессмертному шедевру “Шахнаме” он приобрел всемирную известность. Авторы статьи стремятся исследовать темы мудрости, знания и просвещения, встречающиеся в различных сказаниях “Шахнаме”, и проанализировать их глубоко.*

**Abstract**

*This article discusses the praise of wisdom and the promotion of intellect in Hakim Abul-Qasim Ferdowsi’s “Shahnameh”. Ferdowsi of Tus is considered one of the most illustrious figures in the thousand-year history of Persian and Tajik literature. Through his immortal masterpiece, “Shahnameh”, he gained worldwide fame. The authors of the article seek to explore the themes of wisdom, knowledge, and enlightenment found in various tales of “Shahnameh” and to analyze them in depth.*

***Калид вожаҳо:*** *Абулқосим Фирдавсӣ, ситоиши хирад, дониш, “Шоҳнома”, хирадгустарӣ*
***Kalit so‘zlar:*** *Abulqosim Firdavsiy, hikmat madh etish, ilm, “Shohnoma”, aqliy kamolot*
***Ключевые слова:*** *Абул-Касим Фирдоуси, восхваление мудрости, знание, “Шахнаме”, интеллектуальное развитие*
***Key words****: Abul-Qasim Ferdowsi, praise of wisdom, knowledge, “Shahnameh”, intellectual development.*

## МУҚАДДИМА

Донишу хирад мояи худшиносии аҳли башар аст. Инсоният бо донишу хиради худ тавонист тӯли асрҳо барои худ зиндагии шоистаеро фароҳам оварад. Ҳамин аст, ки дар

гузашта арбобони сухан ҷиҳати омӯзишу бедории фикрии башарият саъю кӯшишҳо намуда, тавассути қаламфарсоиҳои беназирашон инсониятро ба донишандӯзӣ ва маърифатпарварӣ ҳидоят мекарданд. Кулли осори гузаштагони моро шуруъ аз Авесто, то Рӯдакию Фирдавсӣ, Мавлавию Хайём, Носири Хусрав ва Хоҷа Камол, Саъдию Ҳофиз, Ҷомию Сино, Сайидою Аҳмади Дониш ва садҳо дигар маҷмуаи одобу ахлоқ номидан мумкин аст. Ниёкони мо аз даврони қадим ба таълиму тарбия ҳусни иродат ва муҳаббат зоҳир кардаанд. Хираду дониш ва одобу ахлоқ дар назди онҳо пурарзиштарин сифатҳои инсон ба шумор мерафт. Ба андешаи онҳо ҳар як шахс бояд донишандӯзӣ ва хирадгароиро дастури зиндагии худ қарор диҳад ва адаброфаро гирад, то соҳиби фазилатҳое чун рафтори нек, гуфтори нек ва кирдори нек гардад ва тавонад барои ҷомеа узви муфиде ба шумор равад.

## МЕТОДҲО ВА ТАҲЛИЛИ АДАБИЁТ

Агар ба таърихи адабиёти пурғановати халқи тоҷику форс рӯ оварда шавад, ба таҳқиқ шоиреро наметавон дарёфт, ки дар васфи дониш напардохта бошад. Ҳаким Фирдавсии Тӯсӣ аз чеҳраҳои мунири осмони илму адаби ҳазорсолаи тоҷику форс маҳсуб гардида, бо шоҳасари безаволаш – «Шоҳнома» шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо кардааст, ҳамзамон дар ситоиши хираду дониш назари хос дорад. Абулқосим Фирдавсӣ бобати андӯхтани илму дониш аҳамияти хоса зоҳир намуда, тақрибан дар саросари достонҳои «Шоҳнома» рӯ ба ин мавзуъ меорад. Ӯ дар қисми «Муқаддима»-и асараш дар баробари дигар фаслҳо фасли «Гуфтор андар ситоиши хирад» тахсис дода, ба тасвири ин нукта таваҷҷуҳ мекунад. Дар муқаддима ҷой додани ин масъала аз ҷониби муаллиф бесабаб набуда, он ғояҳои асосии асарро фаро мегирад. Тавре медонем, бузургтарин шоҳкории адабиёти ҷаҳонӣ, ифтихори точикон ва тамоми форсизабонон «Шоҳнома»-и Ҳаким Фирдавсӣ аз ситоиши хирад оғоз мегардад.

Достонҳои “Шоҳнома”-и Абулқосими Фирдавсӣ дар шаклҳои алоҳида ва худи маҷмуи достонҳои “Шоҳнома” бори охир бо тасҳеҳу такмилҳо дар даҳ ҷилди силсилакитби “Ахтарони адаб” манзури хонандагон гардидааст, ки нашри охири ин асари безавол нисбат ба нашри солҳои пешин мукаммалтар ба назар мерасад. Чуноне К.Айнӣ ва З.Аҳрорӣ дар ҷилди аввали “Шоҳнома” ёдовар мешаванд: “Бино ба гуфтаи Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ, «Шоҳнома» дорои 60 ҳазор байт буда, 120 ҳазор мисраъро ташкил медиҳад. Ба қавли муњаққиқон адади нусхаҳои қаламии достон хеле зиёд аст, вале аз ҷиҳати миқдори байт онҳо ниҳоят гуногунанд. Баъзеи онҳо 40 ҳазор байт дошта бошанд, қисме аз он нусхаҳо то 80 ҳазор байт, яъне 160 ҳазор мисраъро дарбар мегиранд”[1,7]. Ситоиши хирад ва хирадгустарӣ саропои “Шоҳнома”-ро фарогир аст ва барои дарки мукаммали мақсад ва маърифати абёти шоир истифода аз усулҳои тадқиқотӣ ва таҷсири шеър мувофиқи мақсад аст.

## МУҲОКИМА ВА НАТИҶАҲО

Дар “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ дар бахши оғози достони Комуси Кашонӣ аз Рустам ёд мекунад ва дониши ӯро мавриди тавсиф қарор медиҳад:

*Шигифтӣ ба гетӣ зи Рустам басест,*
*К-аз ӯ достон дар дили ҳар касест.*
*Ба хушкӣ чу Нилу ба дарё, наҳанг,*
*Хирадманду бедордил марди ҷанг.*
*Сари мояи мардиву ҷанг аз ӯст,*
*Хирадмандиву донишу санг аз ӯст [1,118].*

Зарурати донишу хирадро шоир барои ҳама муҳим арзёбӣ мекунад. Махсусан, барои подшоҳон муҳимтар медонад, зеро мулк аз рӯи дониш идора карда мешавад, на симу зари фаровон:

*Касе, к-ӯ ҷаҳонро бувад хостор,*
*Варо дониш ояд, на гавҳар ба кор [2,296].*

Ҳамчунин, мефармояд, ки бедонишӣ сабабгори нестиву нобудии давлат мегардад ва барои тақвият бахшидани ин фикр аз нокомиву нобарории шоҳони пурқудрат чун Ковусу Заҳҳок ёд оварда, заволи ҳукумати эшонро аз камхирадии онҳо медонад. Шоир дар тасвири подшоҳони таърихӣ низ, пеш аз ҳама, ба хиради онҳо таваҷҷуҳи хос зоҳир менамояд.

*Бидонад, тани хешро дар ниҳон,*
*Ба чашми хирад ҷуст бояд ҷаҳон.*
*Хирад афсари шаҳриёрон бувад,*

*Хирад зевари номдорон бувад [1,57].*

Шоир аз гузаштагони худ бо ифтихор сухан карда, тоҷдориву салтанати эшонро таъкид мекунад ва бо зевари дониш мусаллаҳ буданашонро ёд мекунад:

*Ниёкони мо номдорон буданд,*
*Ба даҳр-андарун тоҷдорон буданд.*
*Набардоштанд аз касе саркашӣ,*
*Ба тезию тундию бедонишӣ [1, 58].*

Шоир бар бедонишон таъкид карда, хомӯш нишастани онҳоро бар салоҳи кор медонад. Ин ҷо ҳамон зарбулмасали «Пистаи бемағз агар лаб во кунад, расво шавад» ба хотир мерасад:

*Миёна нишинад ҳам андар миён,*
*Бидон, к-ат зи дониш наёяд зиён [1,60].*

Ақлу хирад барои инсон сифатҳои хубу мусбатеро ба армуғон меоварад. Ба унвони мисол, инсони бохирад дар роҳи ҳақ истиқомати бештаре дорад, бахшандаву боҳаёст. Дигаронро озор намедиҳад ва забони худро нигаҳ медорад. Инсони бохирад, доност ва хубу бадро мешиносад, аз корҳои бад нафрат дорад. Аз зиндагиаш лаззат мебарад ва аз умраш ба таври хубу шоиста истифода мекунад. Бояд бигӯем, ки Абулқосим Фирдавсӣ донишу хирадро дар мақоми аввал мегузорад, зеро дониш мояи ҳифзи инсон аз ҳама гуна хавфу хатар буда, шоир онро бар сари ҷон «афсар» медонад:

*Валекин чу андешагардаддароз,*
*Хирадбодили ту нишинад ба роз [1,62].*

Хирад, дониш, маърифат, фарҳанг, ақл, илм, чароғи равшани олами фонист. Инсон ба василаи он ҳар гуна мушкилотро ҳал менамояд ва ба рӯи худ дари бахту саодатро мекушояд.

Бешубҳа, шахси донишманд бо нерӯи хирад дили кӯҳро мешикофад, дар як соат роҳи дарозеро тай мекунад, дар фазо парвоз мекунад.

Инсони донишманд дар гуфтору рафтор низ намуна аст. Ба ин маънӣ Фирдавсии Тӯсӣ гуфта:

*Касе, к-ӯ ба дониш тавонгар бувад,*
*Зи гуфтору кирдор беҳтар бувад [1,55].*

Хирадманди ҳақиқӣ он аст, ки тақводору парҳезгор бошад. Танҳо хирадмандони муъмин аз китоб ва Расули Худо истиқбол карда аз зикр ва ёдовариву панди ӯ баҳраманд мешаванд. Чунончи Ҳаким Фирдавсӣ мефармояд:

*Чунин гуфт Пайғамбари ростгӯй,*
*Зи гаҳвора то гӯр дониш биҷӯй [1,76].*

Ё худ:

*Зи дониш чу ҷони туро моя нест,*
*Беҳ аз хомушӣ ҳеч пероя нест [1,60].*

Ҳамин тариқ, мавқеъ ва ҷойгоҳи дониш дар саросари «Шоҳнома» равшан ба чашм мерасад ва ҳамчун андарз муаллиф ба башарият арза медорад.

*Туро аз ду гетӣ баровардаанд,*
*Ба чандин миёнҷӣ бипарвардаанд.*
*Ба ранҷ андар орӣ танатро равост,*
*Ки худ ранҷ бурдан зи дониш сазост. [1,310].*

Донишу хирад аз нигоҳи Ҳаким Фирдавсӣ ёвару мададгори инсон аст, ки пайваста онро ғизову нерӯ мебахшад ва адолату садоқати шоҳон, устувориву пойдории ҳукумати онҳо аз хирадашон вобастагӣ дошт.

Худи Фирдавсӣ ҳам дар оғози достон таъкид менамояд, ки асари ӯ аз баёни ривоятҳои дурӯғ иборат нест ва аз роҳи хирад метавон аз он баҳраҳои фаровон гирифт:

*Мар инро дурӯғу фасона мадон,*
*Ба яксон равшан замона мадон.*
*Аз ӯ харчӣ андар хурад бо хирад.*
*Дигар бар раҳи рамз маънӣ барад [2,89].*

Дар “Шоҳнома” хирад, ки мояи азалӣ ва худодод аст, бетағйир намемонад ва дар натиҷаи омӯзишу парвариш рушду камол меёбад, яъне он ниёз ба омӯзгору парастор дорад.

Фирдавсӣ дар ташаккули инсон ва рушду тавсеаи хиради он нақши тарбияву ҳикматро хеле бузург медонад. Ҳикмати амалӣ, ки дар асоси донишу хирад ва таҷрибаи рӯзгори инсон дар тӯли асрҳо ҳосил мегардад, бо мурури замон сайқал дида ба як василаи муҳими тарбиявӣ табдил меёбад.

Дар “Шоҳнома” аз ин васила дар мавридҳои мухталиф хеле моҳирона корбаст шудааст. Чунон ки аз мисолҳои зикршуда ҳам пайдост, аксари пандҳои ҳакимонаи Фирдавсӣ аз ситоиши хираду омӯзиши дониш ва мисли инҳо иборатанд, ки ба ифодаи худи шоир “панди хирад” мебошад ва рӯй тофтану ба кор нагирифтани он инсонро ба ранҷу азобҳо ва пушаймонӣ гирифтор хоҳад кард:

*Зи панди хирад гар бигардад сараш,*
*Пушаймонӣ ояд зи гетӣ бараш [2,128].*

Ҳамчунин дар асари безаволи Фирдавсӣ як қатор симоҳои хирадманд офарида шудаанд, ки бо андешаву рафтори неки худ намунаи ибрат ва шоистаи пайравии дигаронанд.

Фирдавсӣ хирадмандиро бо накӯкорӣ тавъам медонад, зеро ӯ бовар дорад, ки шахси бохирад ҳамеша аз рӯи ақл амал хоҳад кард. Шахси оқил огоҳ аст, ки сазовори аъмоли худ мукофоти амал хохад дид:

*Ту чандон, ки бошӣ, сухангуй бош,*
*Хирадманд бошу накӯхӯй бош....*
*Нигар, то чи корӣ, ҳамон бидравӣ,*
*Сухан хар чӣ гӯӣ, ҳамон бишнавӣ [2,267].*

Ҳамаи қаҳрамонони мусбати "Шоҳнома" пеш аз ҳама бо хирадмандии худ мумтозанд. Аз ҷумла,чаҳор фарзанди Кайкубод ҳама монанди падар соҳиби донишу хирад будаанд:

*Писар буд мар ӯро хирадманд чор.*
*Ки буданд аз ӯ дар ҷаҳон ёдгор [2,378].*

Фирдавсӣ хирадмандиро аз ҳамидатарин хислатҳои инсонӣ дониста, ҳар касеро, ки аз ин сифат орӣ бошад, нокомил мешуморад.

## ХУЛОСА

Ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ хирад ва маърифату огоҳиро маҳаки асосии инсон будан медонад.

1. Дар «Шоҳнома» хирад дар муқобили ҷанг қарор дода шудааст. Шахси хирадманд ҳамеша на ба ҷангу хунрезӣ, балки ба сулҳу накӯкорӣ майл мекунад.

2. Пешрафти тамоми ҷабҳаҳои рӯзгор ба илму хирад вобаста аст. Ақли инсонӣ пайваста бозёфтҳои навро рӯи кор оварда, заҳмати мардумро ба маротиб осон мекунад.

3. Мо ҷавонони бохирад бояд ҳамеша илм андӯзем ва дар амал онро татбиқ намоем. Хирад ва хирадгароиро дастури ҳаёти худ қарор диҳем.

4. Қудрату тавоноӣ, сарфарозиву воломақомии инсон танҳо бо хиради фитрӣ муяссар намегардад. Инсон бояд дар зиндагӣ хиради азалии худро бо омӯзиши доимияш такмил диҳад, ки ин ба осонӣ даст намедиҳад ва ранҷу машаққатҳои зиёдеро тақозо дорад.

5. Ҳамин тавр, Фирдавсӣ нишон дода тавонистааст, ки хирад чароғи рӯзгори мардумон дар тамоми даврон хоҳад буд ва инсонҳои хирадпеша дар тамоми даврони ҳастии миллати хеш ному кору пайкорашон ҷовидона мемонад.

6. Бале, донишу хирад чароғи ақл аст, ки дидагон аз он равшаниву нур ва дилҳо хушиву сурур мегиранд. Шахси хирадманд зинатгарои ҳар анҷуман аст. Агар аз хурдӣ то ба дами марг барои омӯхтани илму андӯхтани дониш камар бандем, саҳве нахоҳад шуд, зеро асоситарин ва беҳтарин амал дар зиндагии инсони асил илм омӯхтан аст.

## РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (REFERENCES)

1. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома. Ҷилди 1. — Душанбе:«Адиб», 2007. -208 саҳ. (Abul-Qasim Ferdowsi. “Shahnameh”, Vol. 1. — Dushanbe: “Adib”, 2007. - 208 pages). 2. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома.Ҷилди 2. — Душанбе: «Адиб», 2007. -408 саҳ. (Abul-Qasim Ferdowsi. “Shahnameh”, Vol. 2. — Dushanbe: “Adib”, 2007. - 408 pages).

3. Адабиёт 6 [Матн]: китоби дарсӣ синфи 6 /И.А. Эшонқулов [ва диг.]. – Тошканд: Маркази таълими Республика, 2022. – 110 саҳ. . (“Literature 6” [Text]: Textbook for Grade 6 / I.A. Eshonqulov [et al.]. – Tashkent: Republican Education Center, 2022. – 224 pages).

4. Адабиёт 7[Матн]: китоби дарсӣ синфи 7 / Ҷ.Ш. Эшонқулов [ва диг.]. – Тошканд: Маркази таълими Республика, 2022. – 224-саҳ.(“Literature 7” [Text]: Textbook for Grade 7 / J.Sh. Eshonqulov [et al.]. – Tashkent: Republican Education Center, 2022. – 224 pages).

5. Худоӣ Шарифзода, Мисбоҳиддини Нарзиқул. Таърихи адабиёти тоҷик (аз аҳди қадим то оғози асри XIII). Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. - Душанбе: ЧДММ “ТоРус”, 2017. - 416 саҳ. (Khudoi Sharifzoda, Misbahiddin Narziqul. “History of Tajik Literature (from Ancient Times to the Beginning of the 13th Century)”. Textbook for university students. — Dushanbe: CJSC “ToRus”, 2017. - 416 pages).

6.Забеҳулло Сафо. Таърихи адабиёт дар Эрон ва дар қаламрави забони порсӣ. Ҷилди 2.- Душанбе: Нашриёти Деваштич, 2003.- 324с.( Zabihullah Safo. “History of Literature in Iran and the Persian-speaking World”. Vol. 2. — Dushanbe: Devastich Publishing House, 2003. - 324 pages).